“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ,
н.и.к., Кароматов Ш.Ш. ____________
«__13__» ____июни______ соли 2025

**Хулосаи**
Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ ба шумор мерафт.

Фозилов Ҷ.Д. соли 2007 ба факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2012 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси экология хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши президенти АИКТ, №135 аз 29-уми декабри соли 2016 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ қабул шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Протоколи №5 аз 7-уми апрели соли 2017 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ – Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ тасдиқ карда шудааст.

Фозилов Ҷ.Д. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 03.06.2025 бо баҳои 4 (хуб) ва забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 05.06.2025 бо баҳои 4 (хуб) супоридааст.

Диссертатсияи Фозилов Ҷ.Д. дар ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо аз 7-уми майи соли 2025, №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои гузаронидани пешдифоъ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ пешниҳод карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» чунин хулоса қабул карда шуд:

- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;

Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсия селексия ва омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии дарахтони мевадиҳанда буда, мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

- алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;

Тадқиқоти илмии мазкур ва мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятнок алоқамандӣ дорад ва дар заминаи Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», “Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029”, барномаи илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ дар мавзӯи «Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо, буттамеваҳо ва такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ барои солҳои 2016-2020» (РКД 0116TJ00625) иҷро гардидааст.

Муҳтавои диссертатсияи мазкур ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои илмӣ алоқаманд буда, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат равона шудааст, мувофиқат менамояд.

- мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақолаи илмӣ дар Конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалӣ ва 7 мақола дар Конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар мегиранд.

- мавҷудияти санадҳои тасдиккунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;

Тадқиқотҳо тайи солҳои 2017-2020 гузаронида шуданд. Муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ дар солҳои 2017 – 2020, муаррифкунӣ дар конференсияи байналмилалӣ илмию амалӣ дар мавзӯи «Истифодаи усулҳои иноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотӣ» (ноҳияи Бобоҷон Ғафурови в. Суғд, 2022), конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (Душанбе, 2022) ва ғайра таъйид (апробатсия) шудаанд.

Таҷрибаҳои саҳроӣ ва рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар солҳои 2017-2020 аз тарафи комиссияи апробатсионии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо дар омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии олу дар майдони 4,0 гектар дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии “Сомонҷон” – и ноҳияи Дангара вилояти Хатлон амалӣ гардонида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шӯрои олмимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба ҳимояи расмӣ тавсия карда шудааст.

- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.

Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзӯи таҳқиқотӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, иҷрои амалии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста ба усулҳои таҷибаҳои саҳроӣ, мушоҳидаи фенологию биометрӣ дар навъҳои нав, таҳлили тағйироти миқдорию сифатӣ дар давраи нашъунамои онҳо, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу, баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот, муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, чопи мақолаҳои илмӣ, таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд.

Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар мебошад.

Диссертатсияи Фозилов Ҷ.Д. дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

Банди - 3. Услуб, техника ва нақшаҳои технологии равандҳои селексиониву тухмипарварӣ. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳои гуногуни интихоб, дуругакунии дохили навъӣ ва дурагаҳо.

Банди – 5. Тарҳрезии усулҳои баҳодиҳии хусусиятҳои ҳосилнокӣ, мутобиқшавӣ ва дигар хусусиятҳои хоҷагидорию пурқиматии навъҳо, маводи селексионию киштшаванда (тухмӣ). Такмилдиҳии принсипҳои минтақабобкунии экологию ҷуғрофии навъҳо ва аз рӯйи минтақаҳо ҷойгиркунии заминҳо барои тухмипарварӣ.

Диссертатсияи Фозилов Ҷ.Д. аз муқаддима, 6 боб, 19 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,11 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Изучение полиморфизма алычи согдийской (*prunus sogdiana* vass.) в Гиссарской долине / Ҷ.Д. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои табии, С – 2016, №1-3 (164), С- 126-129.

**[2-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Перспективные формы алычи и граната в Таджикистане и их использование как исходный материал для селексии / Ҳ.Н.Назиров, С.Х.Баҳриев, Назиров Х.Х., Ҷ.Д.Фозилов, // Селексия и сорторазведение садовых культур России - 2020. Т.7.№1-2. Ст.113-118.

**[3-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Хусусиятҳои биологии навъу намунаҳои коллексионии олу ва дурагаҳои он дар шароити мавзеи Данғараи

вилояти Хатлон / Фозилов Ҷ.Д. // Гузоришҳои АИКТ, С – 2024, №4 (82) С-24-28

**[4-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Мучнистая роса сливы и меры борьбы с ней в условиях предгорья Хатлонской области / Дж.Д. Фозилов, М.Х. Султанова, Дж. А. Толихов // Гузоришҳои АИКТ, С-2025, №1, (83) С-28-34.

**[5-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Самаранокии иқтисодии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов, Ҳ.Н. Назиров, Н.Камолов // Гузоришҳои АИКТ, С-2025, №4, (86) С-42-47

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**[6-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Хусусиятҳои агроэкологии навҳои бурунмарзии олу дар шароити водии Ҳисор / Ҷ.Д.Фозилов// Маводҳои конфиренсияи илмии ҷумҳуриявӣ “ Саҳми олимони ҷавон дар рушди илмӣ кишоварзӣ” АИКТ -2017, С- 115-117.

**[7-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Аломатҳои ғайримуқарарии узвҳои нашвӣ ва ҷинсӣ дар дарахтони мевадиҳанда / Н. Камолов, Ҷ.Д.Фозилов, Ш. Тағоев // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Аҳамияти технологияи муосир дар баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ” Донишгоҳи аграрии Тоҷкистон ба номи Ш. Шоҳтемур-2017,С-260-265.

**[8-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Олучаи ёбоӣ ҳамчун тагпайванд барои ниҳолҳои дарахтони донакдор / Ҷ.Д.Фозилов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Инкишофи соҳаи ҷангалпарварӣ ва бунёди чаманзор дар давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” Донишгоҳи аграрии Тоҷкистон ба номи Ш. Шоҳтемур - 2018, С-229-233.

**[9-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Рушди соҳаи боғпарварӣ дар асоси бунёди боғҳои интенсивӣ / Ҷ.Д.Фозилов, Н. Камолов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷкистон ба номи Ш. Шоҳтемур - 2018, С-182-185

**[10-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Тавсифи навъҳои интродуксионии олу ва дурагаҳои он дар шароити минтақаҳои доманакуҳии вилояти Хатлон / Ҷ.Д.Фозилов // Маводҳои конфронси илмии ҷумҳуриявии “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Душанбе “ЭР-граф” - 2022 С-62-65.

**[11-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Аҳамияти хушкмеваи олу ва технологияи хушконидани он / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ "Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ" бахшида ба солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва даҳсолаи байналмиллалии "Об барои рушди устувор солҳо 2018-2028" – 2024, С-59-61.

**[12-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Аҳамияти экологии дарахтони олу ва дурагаҳои он / Ҷ.Д. Фозилов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзӯи "Таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҳошияи барномаи "Мамлакати сабз" барои солҳои 2023-2027 ва "Рушди боғу токпарварӣ ва са ситруспарварӣ" солҳои 2025-2029 бо истифода аз технологияи муосири парвариш" - 2025, С.139-141.

**[13-М]. Фозилов Ҷ.Д.** Омӯзиши тавсифи навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон / Ҷ.Д. Фозилов, К.С. Шарипов, М.Х. Муъминова // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот" бахшида ба амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон соли 2025 эълон шудани "Соли рушди илми кишоварзӣ ва технологияи инноватсионӣ", Душанбе 2025, саҳ: 151-156.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 13.06.2025 №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 10 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа: н.и.к., Кароматов Ш.Ш.

Котиби ҷаласа: Шарипов Ш.И.

Имзоҳои Кароматов Ш.Ш.
ва Шарипов Ш.И. - ро тасдиқ менамоям:
сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.